«Тасдиқ мекунам»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
__________ Қурбонзода М.Р.
«20» 02 с. 2026

**ХУЛОСАИ**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Диссертатсияи Шарипова Таманно Ҷамшедовна дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991-2024)» барои дарёфти дараҷаи илми номзади илмњои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Шарипова Таманно ҳамчун унвонҷӯйи кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба шумор мерафт.

Шарипова Таманно соли 2018 шуъбаи ғоибонаи факултети таърихи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ» дохил шуда, онро соли 2021бо ихтисоси таърих ва ҳуқуқ хатм намудааст.

Номбурда бо фармоиши ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 31.12.2023, №157-фа ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» қабул карда шудааст.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Шарипова Таманно дар ҷаласаи Шурои олимони МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 24.10.2023, №3 тасдиқ гардидааст. Инчунин бо қарори маҷлиси мазкур роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илмҳои таърих, профессор Халилзода Давлаталӣ Халил (Алимов Давлаталӣ Халилович) таъин гардидааст.

Шарипова Таманно имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои зерин бомуваффақият супоридааст: аз фанни забони хориҷӣ (англисӣ) 31.01.2025 бо баҳои 5 (аъло), аз фанни таърих ва фалсафаи илм 04.12.2025 бо баҳои 5 (аъло) ва аз ихтисоси таърихи халқи тоҷик 02.02.2026 бо баҳои 5 (аъло). Аз 03.02.2026, №26-02/102 ба Шарипова Таманно маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои минимум дода шудааст.

Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз 17.02.2026, №7 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат

дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991-2024)» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Шарипова Таманно Ҷамшедовна дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991-2024)» аз рӯйи мазмуну мундариҷаи худ ба шиносномаи ихтисоси 6.1.1. - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мутобиқат дорад. Таърихи муҳоҷирати меҳнатии занон бахши ҷудонопазири таърихи иҷтимоии башарият ба ҳисоб меравад, зеро он рушду инқирози муҳоҷирати аҳолии мамлакат ба хориҷи кишварро ифода намуда, омилҳои иқтисодӣ, таркиши демографӣ, ҷуғрофиро таҷассум менамояд. Мавзуи мазкур бахши муҳимми таърихи иҷтимоиро ташкил дода, омӯзиш ва таҳқиқи ин масъала ҷиҳати муайяннамоии омилҳо, инъикоси коҳиши он ва дар ҳалли мушкилоти мазкур, ки ҷомеаи башарӣ ба он мувоҷеҳ аст, мусоидат мекунад.

Шуғли муҳоҷирони меҳнатӣ бидуни шартномаҳои меҳнатӣ ва бидуни ҳуҷҷат, бахусус занон, дар шароити меҳнати Федератсияи Русия ва Қазоқистон доираи хеле васеъро фаро мегирад ва бештар ба манфиати корфармо мебошад. Лекин ин равиши муҳоҷирати меҳнатӣ, ки дар бештари манобеи илмӣ «муҳоҷирати ғайриқонунии меҳнатӣ» номгузорӣ шудааст, ба зарари худи муҳоҷирони меҳнатӣ ва ба зарари давлат ва ҷомеа татбиқ мешавад. Зиёда аз 50 фоизи занони муҳоҷир, ки дар хонавода кор мекунанд ва соҳаи хизматрасонӣ аз ҷумлаи коргарони ғайриқонунии муҳоҷир мебошанд. Мисли ташкили кор оид ба танзими занони муҳоҷири меҳнатӣ, тавсеаи имкониятҳо барои кори бомуваффақият такмил додани имкониятҳои онҳоро барои муайян кардани намояндагони гурӯҳҳои мақсаднок, шинохтан ва талабот дар муҳити муайян талаб мекунад.

Муҳоҷирати меҳнатӣ хоси як миллат ва як ҳавзаи ҷуғрофӣ набуда, зуҳуроти нав нест ва ҳамеша дар ҷомеаи инсонӣ вуҷуд доштааст ва Осиёи Марказӣ низ аз он дар канор буда наметавонист. Имрӯзҳо бо таваҷҷуҳ ба шароити ҷадид ин зуҳурот вижагиҳои нав касб кардааст, чун технологияи иттилоотӣ фосилаҳоро кӯтоҳ ва дарёфти маълумоту ахборро, ки заминаи асли муҳоҷират мебошанд, осон гардонидааст ва ба хотири бартараф намудани мушкилоти иқтисодӣ аз он истифода мекунанд. Мубрамии омӯзиши ин масъала ва мушаххас намудани тамоми паҳлуҳои он ва бавежа, замина барои коҳиш додани равандҳои муҳоҷирати кории бонувон, бунёди ҷойҳои корӣ мусоидат менамояд.

**Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Диссертатсияи Шарипова Таманно Ҷамшедовна дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991-2024)» барои дарёфти дараҷаи илми номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ба талаботи бандҳои 32 ва 33 тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295) тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

**Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илман асоснокшуда ва умуман маводи диссертатсия дар раванди таълими фанҳои таърихи халқи тоҷик, таърихи умумӣ метавонанд истифода бурда шаванд. Бояд қайд намуд, ки ҳама гуна бозёфтҳо ва пешниҳодҳои илмии пешниҳодкардаи муҳаққиқон дар ин самт метавонанд дар танзими муҳоҷирати меҳнатӣ ва махсусан муҳоҷирати меҳнатии занон, паст кардани суръати афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ ва ҳамоҳангсозии илму истеҳсолот нақши муҳим дошта бошанд, илова бар тадбирҳои пешбининамудаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, метавонанд ба беҳтар намудани зиндагии муҳоҷирони меҳнатӣ, аз ҷумла занони муҳоҷир мусоидат намоянд. Муҳоҷирати меҳнатии хориҷии занон дар Тоҷикистон унсури муҳимми рушди иҷтимоиву иқтисодии кишвар, омили суботи иҷтимоӣ, рафъи ташаннуҷ дар бозори меҳнати дохилӣ ва ҳалли мушкилоти бекорӣ гардид. Боиси тазаккур аст, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи коҳишдодани муҳоҷирати меҳнатии занон чораҳои чашмрас сурат гирифта истодааст, ки намунаи он қабули «Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040» ба шумор меравад.

**Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ мустақилона муайян карда шудааст. Мушаххас намудани масъалаҳои асосии таҳқиқот, коркард ва тафсири маълумотҳои бадастомада,

коркарди муқаррароти назариявӣ ва методӣ, пешниҳод намудани тавсияҳои амалӣ натиҷаи фаъолияти илмию таҳқиқотии чандинсолаи ӯ мебошад. Хулосаҳое, ки дар диссертатсия ба назар мерасанд, натиҷаи таҳқиқи мустақилонаи довталаб ба шумор меравад. Довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқи мавзуъ иштироки бевосита намуда, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти худро дар шакли мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо таҳия кардааст. Ӯ дар таҳқиқоти худ муайян мекунад, ки занон имрӯз њам дар рушди давлатдории навин накши ҳалкунанда мебозанд.

Диссертатсияи Шарипова Таманно Ҷамшедовна дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991-2024)» ба ихтисоси интихобшуда пурра мувофиқат мекунад.

Диссертатсияи Шарипова Таманно Ҷамшедовна дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991-2024)» аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқоти диссертатсионӣ 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои илмии дар феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридбуда, интишор гардидааст.

Мундариҷаи асосии таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

1. Шарипова Т.Ҷ. Назаре ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатии занони кишвар ба давлатҳои хориҷӣ [Матн] / Т.Ҷ. Шарипова // Фурӯғи илм (Маҷаллаи байналмилалии илмӣ), КОА назди Президенти ҶТ. – 2024. – №2(02). – С.223-230. (0,5 ҷ.ч.). ISSN 3078-395X.

2. Шарипова Т.Ҷ. Зарурияти таърихии муҳоҷирати занони Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷӣ [Матн] / Т.Ҷ. Шарипова // Фурӯғи илм (Маҷаллаи байналмилалии илмӣ), КОА назди Президенти ҶТ. – 2024. – №3(03). – С.262-270. (0,6 ҷ.ч.). ISSN 3078-395X.

3. Шарипова Т.Ҷ. Омилҳои таърихии пайдоиши муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон [Матн] / Т.Ҷ. Шарипова // Фурӯғи илм (Маҷаллаи байналмилалии илмӣ), КОА назди Президенти ҶТ. – 2024. – №4(04). – С.215-224. (0,6 ҷ.ч.). ISSN 3078-395X.

4. Шарипова Т.Ҷ. Назаре ба муҳоҷирати байналмилалии меҳнатии занон дар асрҳои XX-XXI: ҷанбаи гендерӣ [Матн] / Т.Ҷ. Шарипова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №11. – С.12-16. (0,3 ҷ.ч.). ISSN: 2074-1847.

5. Шарипова Т.Ҷ. Масъалаҳои мубрами занони муҳоҷири Тоҷикистон дар давлатҳои ИДМ ва Россия [Матн] / Т.Ҷ. Шарипова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. – №12. – С.143-148. (0,3 ҷ.ч.). ISSN: 2074-1847.

6. Шарипова Т.Ҷ. Сабабҳои асосии воридшавии занони тоҷик ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷа [Матн] / Т.Ҷ. Шарипова // Фурӯғи илм (Маҷаллаи байналмилалии илмӣ), КОА назди Президенти ҶТ. – 2025. – №1(05). – С.340-346. (0,4 ҷ.ч.). ISSN 3078-395X.

7. Шарипова Т.Ҷ. Баъзе ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мушкилоти занони муҳоҷири меҳнатӣ [Матн] / Т.Ҷ. Шарипова // Фурӯғи илм (Маҷаллаи байналмилалии илмӣ), КОА назди Президенти ҶТ. – 2025. – №3(07). – С.300-306. (0,4 ҷ.ч.). ISSN 3078-395X.

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаҳои дигар:**

8. Шарипова Т.Дж. Внешняя трудовая миграция женщин Таджикистана в конце XX – начале XXI в. [Текст] / Т.Дж. Шарипова // Материалы VIII международной научно-практической конференции «Россия, Сибирь и Центральная Азия: взаимодействие народов и культур» и круглого стола с международным участием «Страны Центральной Азии в системе региональных и международных отношений в XIX и XXI вв.» // под. науч. ред. д-ра ист. наук, проф. В.А. Бармина. – Барнаул: АлтГПУ, 2024. – С.216-221. (0,4 п.л.). **ISBN 978-5-907487-63-5.**
9. Шарипова Т.Ғ. Нақши таърихии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар коҳиш додани муҳоҷирати занон // Маводҳои конференсияи байналмилалӣ дар мавзуи «Руҳияи миллӣ ва дипломатияи фарҳангии Пешвои миллат дар ташаккули сулҳ ва суботи минтақавӣ», Донишгоҳи байналмилалии забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, ш. Душанбе, 29 январи соли 2026. – С.41-46.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Шарипова Таманно Ҷамшедовна дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991-2024)» барои дарёфти дараҷаи илми номзади илмҳои таърих аз аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) кори таҳқиқотии анҷомёфта ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Шарипова Таманно Ҷамшедовна дар мавзуи «Муҳоҷирати меҳнатии занони Тоҷикистон дар солҳои Истиқлол (1991-2024)» барои дарёфти дараҷаи илми номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА–082-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих

аз рӯйи ихтисоси 6.1.1. - Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷики МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» санаи 17.02.2026. қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 16 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раис: мудири кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав н.и.т: **Мирзоев Ғ.Ш.**

Котиби маҷлис: **Қурбонова М.**

Имзои Мирзоев Ғ.Ш ва М. Қурбоноваро тасдиқ менамоям:
Сардори ШК ва КМ МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав»: **Нажмидинов М.М.**
«20» 02 соли 2026

**Нишонӣ**: 735140, ш. Бохтар
кӯчаи Айнӣ, 67,
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав
Тел: 2-23-64, 2-22-53, www.btsu.tj,
почтаи электронӣ: btsu78.@mail. ru